# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар мавзуи “Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуиии насри таърихии Аброри Зоҳир” барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти точик)**

Таҳқиқи чанбаҳои ҳунариву мавзуии насри муосири точик дар замони истиқлоли миллӣ аз чумлаи мавзуоти муҳиме шинохта шудааст, ки таваччуҳи нокидон ва адабпажуҳони имрӯзро ба худ чалб намудааст. Бавежа, таҳаввули насри бадеии таърихӣ, нуфузи бозтоби масоили таърихӣ ва офариниши чеҳраҳои сиёсиву адабӣ, фарҳангиву миллӣ яке аз заминаҳои муайяни ривочи накди адабӣ ва накду баррасии бештари ин шеваи иншо дар адабиёти муосир гардидааст. Аз ин рӯ, ба мушоҳида мерасад, ки солҳои охир як бахши муҳими таҳқиқотро рочеъ ба насри муосири точик рисолаву мақолаҳои ба накду баррасиии насри бадеии таърихӣ ба вучуд овардааст. Диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар мавзуи **“Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуиии насри таърихии Аброри Зоҳир”** аз чумлаи чунин пажуҳишот дониста мешавад, ки дар он насри бадеии таърихии яке аз адибони муосири точик мавриди пажуҳиш қарор гифитааст.

Аз мутолеаи автореферати диссертатсия равшан мегардад, ки он аз мукаддима, се боб, хулосаву феҳристи адабиёти истифодашуда ва интишороти муаллиф иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамият ва муҳимияти мавзуъ, дарачаи омӯхта шудани он, мақсад ва вазифаҳо, аҳамияти назариву амалӣ, нуктаҳои меҳварӣ барои дифоъ, сарчашма ва методологияи таҳқиқот муқарррар шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **“Зиндагинома ва мероси адабии Аброр Зоҳир”** унвон дошта, масоили мавриди таваччуҳи диссертант дар ду фасл ба таҳқик кашида шудаанд. Дар чараёни таҳқиқ ба диссертант муяссар гардидааст, ки дар асоси таълифоти худи адиб, бавежа бархе аз нигоштаҳои ёддоштии ӯ зиндагиномаашро баркарор намуда, мачмуи осори таълифии вайро дақиқу мушаххас баррасӣ намояд. Ин таҳқиқ, пеш аз ҳама муқаррар месозад, ки шарҳи муфассали зиндагиномаи нависанда маҳз аз чониби муаллифи рисола бори аввал тавассути таълими ҳамин диссертатсия анчом шуда, мероси адабӣ ва тамоюлҳои эчодии адиб дар панч бахш баррасӣ гардидаанд. Ҳамчунин, накду баррасиҳои аҳли адаб ва таҳқиқ низ дар ин қисмати диссертатсия ба сурати алоҳида ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Боби дуюми диссерттсия **“Мушаххасоти насри таърихӣ дар эчодиёти Аброр Зоҳир”** унвон дорад ва меҳварҳои аслии таҳқиқот дар се фасл баён шудаанд. Дар чараёни таҳқиқ муаллифи диссертатсия муқаррар кардааст, ки дар даврони истиқлоли миллӣ насри таърихӣ дар қаламрави адабиёт ривоч ёфт, ки Аброри Зоҳир низ бо иншои романҳои таърихии “Мунтасир”, “Шикасти зулмат”, “Чилои чоми Чомӣ” ва монанди ин саҳми хешро гузоштааст. Накши нависанда дар офариниши симоҳои таърихӣ ва адабӣ дар романҳои “Мунтасир” ва “Чилои чоми Чомӣ” ба сурати алоҳида таҳкик шуда, аз ин роҳ вежагиҳои чеҳраофаринӣ дар осори адиб мукаррар гардидаанд.

Боби сеюми диссертатсия **“Вежагиҳои сабкии романҳои таърихии Аброр Зоҳир”** ном дошта, дар он вежагиҳои муҳими сабкӣ, истифодаи унсурҳои забон ва фарҳанги мардумӣ, корбурди ашъор дар осори мавриди пажуҳиш таҳқиқ шудаанд. Бахусус, ҷусторҳои муаллифи рисола дар ҷодаи таҳқиқи дақиқи ашъори мавриди истифода ва мақолу зарбулмасалҳо қобили таваҷҷуҳ мебошанд.

Диссертант аз рӯи тадқиқоти илмии хеш 11 мақола ба чоп расонидааст, ки аз ҷумаи онҳо 5 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Баробари дастовардҳои назаррас дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кори муаллиф аст:

1. Аз таҳқиқ маълум мешавад, ки яке аз намунаҳои насри таърихи нависанда ба зиндагиномаи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ бахшида шудааст. Зимни баррасии чеҳраофаринии адиб дар ин ҷо сухан дар бораи маҳорати нависанда дар эҷоди симои Амир Алишери Навоӣ меравад. Маълум аст, ки дар адабиёти муосири ӯзбек ҳам романҳои зиёде дар бораи Навоӣ ба қалам омадаанд, ки дар онҳо симои Абдураҳмони Ҷомӣ низ офарида шудааст. Агар диссертант дар ин бахши як таҳқиқи муқоисавӣ анҷом медод, арзиши рисола боз ҳам меафзуд.
2. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ ба мушоҳида мерасад, ки рафъи онҳо ба манфиати кори диссертант мебошад.

Дар умум, эродҳои мазкур хислати пешниҳодӣ доранд ва арзиши корро поён намебаранд. Ба таври куллӣ метавон афзуд, ки диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар мавзуи **“Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуиии насри таърихии Аброри Зоҳир”** ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мебошад.

**Доктори фанҳои фалсафа оид ба филология (PhD)**
**дотсенти кафедраи Назарияи таълими ибтидоӣ**
**ва томактабии Донишкадаи давлатии**
**омӯзгории Самарқанд** **Каюмов Нодир Найимович**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 140311, Ҷумҳурии Ӯзбекистон,**
**вилояти Самарқанд, н. Самарқанд, маҳаллаи “Рустам” 121**
**Тел: 998 913144618 E-mail: nodirkayumov1990@gmail.com**

**Имзои доктори фанҳои фалсафа оид ба филология (PhD),**
**Дотсент Нодир Каюмовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи ходимон** **Ситора Мунисовна Кулиева**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 140100 ш.Самарқанд, кӯчаи Спитаменшоҳ 166.**
**Тел: (+998) 958268212 E-mail: https://samdpi.uz**
**17-уми феврали соли 2026**